# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи “Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 –Адабиёти тоҷик**

Диссертатсияи Манонзода Абубакр Манон ба таҳқиқу баррасии масъалаи муҳимми илми адабиётшиносии тоҷик –тарҷумаи осори бадеии бостонии Ҳинд ба забони форсии тоҷикӣ бахшида шудааст. Яке аз роҳҳои ғанӣ гардидани адабиёти халқҳои олам бешубҳа, тарҷумаи осори адабии як забон ба забони дигар мебошад, ки дар натиҷаи он ақида, оро, тафаккур, афкори фалсафӣ, мазҳабӣ бо як сухан олами маънавии мардумони ҳар ду забон аз ҳам таъсири босамар мебардоранд, ки дар зеҳну афкори омма ва руҳу равони онҳо менишинад. Ҳамосаи бостонии Ҳинд “Рамаяна” аз қадимтарин навиштаҳои ишқии мардумони ҳиндуориёӣ мебошад, ки назми он дар асри IV то мелод аз тарафи Валмикӣ сурат гирифтааст. Ба ривояти манбаъҳои форсӣ ин достон дар шакли маснавӣ ва дар бисту панҷ ҳазор байт, ки ба санскрит шлок мешавад, иборат будааст. Равобити адабии ҳинду эронӣ агарчи зиёд таҳқиқу баррасӣ шудааст ва баъдан ҳам ҷанбаҳои гуногуни ин пайвандҳо омӯхта мешаванд, вале таҳқиқу баррасии тарҷумаҳои “Рамаяна” ба забони форсии тоҷикӣ ва ба хусус тарҷумаи манзуми Масеҳои Понипатӣ мавсум ба “Ром ва Сито” аз тарафи унвонҷӯ дастоварди муҳимми илмӣ ба шумор меояд. Натиҷаҳои тақиқоти мазкур барои муҳаққиқони бахши ҳиндшиносии тоҷик, мутахассисони тарҷумаи осори бадеӣ хеле судманд мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се бобу фаслҳои чаҳордаҳгона ва хулосаву китобнома фароҳам омадааст, ки муҳтаво ва таркиби бобҳо бо ҳам муртабит ва мантиқан такмилдиҳандаи ҳамдигар мебошанд. Ҳар боб ва баъзе фаслҳо хулоса ва натиҷагирӣ карда шудаанд. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия дорои сохтори муназзам ва ягонаи мантиқан ба талаботи корҳои илмӣ мувофиқу мутобиқ буда, аз тарафи муаллиф таълиф шудааст. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва натиҷаҳои илмии ба даст овардаи муҳаққиқ саҳми шахсии ӯро дар ҳалли мавзуи интихобшуда нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мухтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) мувофиқат менамояд.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар 5 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Русия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонда ва дар маводи чаҳор конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ ироанамудаи муаллиф инъикос ёфтааст. Автореферат ва мақолаҳои чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Мақолаҳои илмии чопнамудаи диссертант ва теъдоди онҳо ба талаботи бандҳои 34 ва 35 –и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд. Дар диссертатсия истифодаи мавод бе зикри муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Талаботи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ риоят шудааст.

Хулоса ва натиҷаҳои муаллифи диссертатсия олимона, мантиқӣ ва ба моҳияти масъалаи мавриди таҳқиқ мутобиқ мебошанд. Аҳаммияти таҳқиқ, навигариҳои илмии диссертатсия ва арзиши назарӣ ва амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи “Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он” кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 –Адабиёти тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи номзадии Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи “Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зерро, ки корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо бо ихтисоси 10.01.01 –Адабиёти тоҷик мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Охониёзов Варқа Дустович** – доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови АМИТ

- **Собиров Ҳамза Юсуфович** – номзади илми филология, муаллими калони кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода" пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба нишониҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори филология,
узви Шурои диссертатсионӣ Солеҳов М.О.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илми филология,
узви Шурои диссертатсионӣ Суфизода Ш.З.

доктори илми филология,
узви Шурои диссертатсионӣ Қурбонзода Р.Қ.

«28» июни 2023